**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Бобомуродов Пайрав Хайриевич дар мавзуи «Такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

Рушди муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи аграрии хоҷагии халқ зарурати ташаккули низоми самаранокӣ идоракунии фаъолияти хоҷагии қишлоқро тақозо менамояд, ки бевосита аз ташкили баҳисобгирии бухгалтерии муносиб вобастагӣ дорад. Чӣ хеле ки ҳамагон эътироф мекунанд, баҳисобгирии муҳосибӣ бояд талаботи асосии иттилоотии ҳам истифодабарандагони дохилӣ ва ҳам берунии иттилооти ҳисобгириро барои қабули қарори оптималии идоракунӣ қонеъ намояд. Бинобар ин, иттилооти баҳисобгирӣ дар шароити муосир бояд хусусияти муайян ва тавсифоти сифатӣ дошта бошад, ки гузоштани қадамҳои устуворро баҳри ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибии ватанӣ дар хоҷагии қишлоқ тибқи талаботи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ таъмин намояд. Вобаста ба ин, бояд тартиби баҳисобгирӣ ва баҳодиҳии моликият, амсилаи коркарди иттилоот, низоми ҳисобҳо, усулҳо ва шаклҳои ҷамъбасти иттилоот, мӯҳлати пешниҳоди он ба истифодабарандагони дохилӣ ва берунии ҳисобот коркард ва пешниҳод карда шаванд.

Дар баробари ин, муаммоҳои назариявӣ, ташкилӣ ва амалии баҳисобгирии муҳосибӣ, мутобиқсозии он тибқи принсипҳо ва талаботи СБҲМ дар хоҷагии қишлоқ таҳқиқнокарда боқӣ мемонад, аз он ҷумла дар низоми баҳисобгирии ватанӣ таъсири хусусиятҳои соҳавии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ба эътирофкунӣ, баҳодиҳӣ ва тавзеҳоти намудҳои алоҳидаи дороиҳо, ӯҳдадориҳо, даромадҳо ва хароҷот ба таври бояду шояд дарҷ нагардидаанд. Бо татбиқи СБҲМ 41 “Хоҷагии қишлоқ” масъалаҳои баҳисобгирӣ ва баҳодиҳии дороиҳои биологӣ аз рӯи арзиши одилона хеле мубрам гаштааст. Ҳамин тавр, гуфтаҳои дар боло овардашуда асосноккунии илмии ҷанбаҳои назариявӣ ва ташкилӣ-методии рушди баҳисобгирии муҳосибиро дар хоҷагии қишлоқ тақозо менамояд.

Нуктаҳои болозикр зарурати таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва методии баҳисобгирии муҳосибиро дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба миён овардааст. Аз ин лиҳоз, муҳиммияти мавзуи таҳқиқшаванда муайян аст ва он хеле саривақтӣ низ мебошад.

Бобомуродов Пайрав Хайриевич дар давоми солҳои таҳсилаш фаъолона ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва раванди таълимии донишгоҳ ҳамроҳ шуда, дар ҷараёни ошноӣ бо муаммоҳои рушди баҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосабарориҳои дуруст намуда, баҳри ҳалли муаммоҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагии қишлоқ кӯшиш намуда, мавзуи таҳқиқоти худро асоснок намудааст.

Бобомуродов Пайрав Хайриевич дар кори конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ иштироки фаъолона дошта, кори илмиашро оид ба фаслҳои асосии диссертатсияаш дар маҷаллаҳои илмии Тоҷикистон ва берун аз он нашр кардааст.

Дар ҷараёни корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз тарафи диссертант имтиҳоноти минимуми номзадӣ бомуваффақият супорида шуда, 24 кори илмӣ чоп карда шудаанд, ки 7-тои он дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

Муаллиф мавзуи рисолаи номзадиро мустақилона интихоб намуда, аз ҷиҳати илмӣ муҳиммияти онро асоснок намудааст. Барои расидан ба мақсади таҳқиқот ва матраҳсозии вазифаҳои гузошташудаи бо он алоқаманд корҳои илмии олимони муҳаққиқон-иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ, маводи амалӣ ва оморӣ васеъ истифода шудааст.

Диссертатсия се бобро ташкил медиҳад, ки дар боби якум, ҷанбаҳои назариявии баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) баррасӣ гардида, мукаммалгардонии консепсияи умумии он пешниҳод карда шудааст, инчунин шакл ва намудҳои баҳисобгирӣ дар дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) асоснок карда шудааст. Дар боби дуюми диссертатсия ташкили баҳисобгирӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонии (фермерӣ) дида шудааст. Ба ғайр аз ин, хусусиятҳои ташкилӣ ва соҳавӣ, таҳлили ҳолати муосири баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) баррасӣ шудааст. Боби 3-юми кор такмили баҳисобгирии

муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-ро дар бар гирифта, самтҳои инкишофи шакл ва усулҳои баҳисобгирӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) таҳқиқ карда шудаанд.

Ба муаллиф муяссар гардидааст, ки асосҳои назариявӣ-методологии баҳисобгирии муҳосибиро дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) илман асоснок намояд, ки аз расидан ба мақсади гудошташуда ва ҳалли вазифаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имконият фароҳам овард, ки хулосаҳояшро асоснок ва пешниҳодҳои худро вобаста ба такмилдиҳии усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мухтасар ифода намояд.

Диссертатсияи анҷомдодашуда таҳқиқоти мустақилона, баитмомрасида оид ба ҳалли масъалаҳои назариявии баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мебошад. Доштани малакаи таҳлили иқтисодӣ ба унвонҷӯ имкон дод, ки дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ корро анҷом диҳад.

Дар амал санҷида шудани натиҷаҳои таҳқиқот оид ба аҳаммияти амалӣ ва имкони истифодаи натиҷаҳо аз тарафи корхонаҳои хоҷагии қишлоқ аз аҳаммияти амалии таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Дар ҷараёни иҷроиши кор аз тарафи муаллиф маводи амалӣ ҷамъбаст карда шудааст, усулҳои низомнок, муқоисакунӣ, комплексӣ, муқоиса ва ҷамъбасткунии маводи оморӣ, таҳлили коррелятсионӣ ва ғ. истифода бурда шудааст.

Ҳамин тавр, нуктаҳои дар боло қайдкардашуда асос шуда метавонад, ки ҳисоб намоем, ки Бобомуродов П.Х. вазифаҳои расидан ба мақсади таҳқиқотро бомуваффақият иҷро намудааст.

Диссертатсия мантиқан баанҷомрасида, кори илмии мустақилона иҷрошуда, дорои унсурҳои навоварии илмӣ, ҷамъбасти илман асоснокшуда буда, тавсияҳои амалӣ ба такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) равона шудааст.

Сохтор, муҳтаво ва сифати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, кори унвонҷӯ Бобомуродов Пайрав Хайриевич ба Шурои диссертатсионӣ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии
бухгалтерӣ ва аудити ДДТТ Мирзоалиев А.А.

Имзои Мирзоалиев А.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯч. Деҳотӣ 1/2.
**Телефон:** (+992) 937473109
**E-mail:** abdumalik001@mail.ru

**29-уми сентябри соли 2025**